# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: **«Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва мукамалгардонии қонунгузорӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. – 82 саҳ.).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити рушди муосири давлатдории ҳуқуқбунёд ва ташаккули сиёсати ҷиноятии инсонмеҳвар, масъалаи муайян намудани ҷойгоҳ ва нақши ҷазоҳо дар низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти махсус касб менамояд. Яке аз самтҳои муҳим ва ҳамзамон камомӯхташудаи илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ омӯзиши ҷазоҳои асосие мебошад, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд. Бо вуҷуди он ки чунин намуди ҷазоҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ мавқеи муайян доранд ва дар амалияи судӣ татбиқ мегарданд, бисёр масъалаҳои марбут ба моҳият, мақсад, заминаҳои таъйин, хусусиятҳои иҷро ва самаранокии онҳо то ҳол ба таври мукаммал таҳқиқ нашудаанд.

Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ ҳамчун алтернативаи ҷазоҳои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ баромад намуда, имкон медиҳанд, ки мақсадҳои ҷазо бидуни маҳрум сохтан аз озодии шахс ба даст оварда шаванд. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши амиқи ин намуди ҷазоҳо на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти бузурги амалӣ низ дорад, зеро он ба ҳалли масъалаҳои марбут ба инсондӯстӣ, адолат, инфиродисозии ҷазо ва пешгирии такрори ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд дар ҳама давру замон ҳамчун падидаи муҳими ҳуқуқӣ шинохта шуда, вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоӣ,

иктисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа шакл ва мазмуни гуногунро касб намудаанд. Таърихи ташаккули ҳуқуқи ҷиноятӣ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳатто дар давраҳое, ки ҷазоҳои вазнин ва маҳрум сохтан аз озодӣ бартарӣ доштанд, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд ҳамеша ҳамчун воситаи таъсири ҳуқуқӣ истифода мешуданд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин ҷазоҳо дорои хусусияти универсалӣ буда, аҳаммияти худро дар низоми ҷазоҳои ҷиноятӣ то имрӯз нигоҳ доштаанд.

Дар замони муосир, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба самти коҳиш додани репрессияи ҷиноятӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва истифодаи васеи чораҳои алтернативии ҷазо равона гардидааст, масъалаи татбиқи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд боз ҳам мубрам мегардад. Аз ҳад зиёд истифода шудани ҷазоҳои вобаста ба маҳрум сохтан аз озодӣ боиси пайдоиши як қатор мушкилоти иҷтимоӣ мегардад, аз ҷумла канда шудани робитаҳои иҷтимоии маҳкумшуда, таъсири манфии муҳити маҳбас ба шахсият, зиёд гардидани сатҳи такрори ҷиноятҳо ва хароҷоти зиёди давлатӣ барои нигоҳдории муассисаҳои ислоҳӣ. Дар чунин шароит, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд метавонанд ҳамчун воситаи самараноки ислоҳи маҳкумшуда ва пешгирии ҷинояткорӣ хизмат намоянд.

Аҳаммияти омӯзиши мавзуи мазкур ҳамчунин бо он вобаста аст, ки татбиқи нодуруст ё ғайриасосноки ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд метавонад ба паст гардидани эътибори адолати судӣ ва коҳиш ёфтани таъсири пешгирии ҷазо оварда расонад. Дар амалияи судӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки ҳангоми таъйини чунин ҷазоҳо хусусиятҳои шахсии маҳкумшуда, дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда ва мақсадҳои ҷазо ба таври кофӣ ба назар гирифта намешаванд. Ин вазъият зарурати таҳлили амиқи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии таъйин ва иҷрои ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошандро ба миён меорад.

Илова бар ин, тағйироту иловаҳои воридгардида ба қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рушди муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, масъалаи мутобиқсозии низоми ҷазоҳо ба талаботи замони муосирро пеш меорад. Дар ин раванд, ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд бояд ҳамчун унсури муҳими сиёсати ҷиноятии давлат баррасӣ гарданд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо имкон медиҳад, ки камбудиҳои мавҷудаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ муайян гардида, роҳҳои такмили онҳо пешниҳод карда шаванд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот инчунин бо зарурати таҳкими принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз қабили қонуният, адолат, баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва инсондӯстӣ зич алоқаманд мебошад. Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар сурати татбиқи дуруст, метавонанд ба татбиқи ин принсипҳо мусоидат намуда, эътимоди шаҳрвандонро ба низоми адолати судӣ тақвият бахшанд.

Бо дарназардошти ҳамаи гуфтаҳои боло, метавон ба хулоса омад, ки омӯзиши ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, дар шароити имрӯзаи рушди ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ дорад. Таҳқиқи мазкур ба таҳияи асосҳои илмии такмили қонунгузории ҷиноятӣ, баланд бардоштани самаранокии татбиқи ҷазо ва таъмини мақсадҳои сиёсати ҷиноятии давлат мусоидат намуда, мубрамияти мавзуи интихобшударо пурра асоснок менамояд.

Навовариҳои таҳқиқот дар хулосаҳо ва пешниҳодоте, ки муаллиф барои ҳимоя манзур намудааст, ба таври возеҳ ва асоснок ифода ёфтаанд. Маҳз ин хулосаҳо ва пешниҳодҳо натиҷаи мустақими таҳқиқоти илмӣ буда, дорои хусусияти нав ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошанд. Навгониҳои таҳқиқот шубҳае ба вуҷуд намеоранд, зеро онҳо дар ҷараёни омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи мавзуъ, бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти

илмӣ, ба даст оварда шудаанд. Аз ҷумла, навовариҳои илмии таҳқиқот дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи татбиқи он, омӯзиши доираи васеи адабиётҳои илмӣ-ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, таҳлили назариявӣ ва ҳуқуқии низоми ҷазоҳо, инчунин ҷамъбаст ва арзёбии таҷрибаи амалии мақомоти судӣ ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо ташаккул ёфтаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқот на танҳо мавқеъҳои илмии мавҷударо таҳлил намудааст, балки бо назардошти воқеиятҳои амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, пешниҳодҳои муаллифии дорои аҳаммияти нав ва қобили татбиқро таҳия кардааст. Илова бар ин, навгониҳои таҳқиқот дар муайян намудани камбудиҳо ва ихтилофоти мавҷудаи қонунгузории ҷиноятӣ, таҳлили сабабҳои ба миён омадани онҳо ва пешниҳоди роҳҳои мушаххаси такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ ифода меёбанд. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқот на танҳо аҳаммияти назариявӣ доранд, балки метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунии мақомоти судӣ ва мақомоти иҷрокунандаи ҷазо, инчунин дар такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд. Бо ҳамин асос, метавон хулоса намуд, ки навовариҳои илмии таҳқиқот дорои хусусияти мустақил буда, натиҷаи таҳқиқоти амиқ ва муназзами илмӣ мебошанд ва ба талаботи муқарраршуда нисбат ба диссертатсияи докторӣ пурра мутобиқат мекунанд.

Бинобар ин, масъалаи ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд, ки таҳқиқбаранда Зокирзода З.Х. рисолаи доктории худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аз аҳаммияти калони илмиву назарӣ бархурдор аст. Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

Муаллиф дар саҳифаи 13 автореферат қайд намудааст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ (м. 48(1) КҶ ҶТ) бояд бо истилоҳи зерин: «Корҳои ҳатмӣ дар ҳудуди минтақаи шаҳрӣ ё маҳалҳои ноҳия, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад, адо карда мешавад» ва «вале дар маҳалли истиқомати маҳкумшуда» ба истилоҳи «вале дар ҳудуди минтақаҳои шаҳрӣ ё ноҳияе, ки маҳкумшуда воқеан зиндагӣ мекунад» иваз карда шавад. Бо вуҷуди он ки пешниҳоди мазкур ба дақиқгардонии истилоҳоти ҳуқуқӣ равона гардидааст, аз муаллиф талаб карда мешавад, ки зарурати илмӣ ва амалии чунин ивазкуниро ба таври муфассал асоснок намояд.

Аз ҷумла, муаллиф бояд шарҳ диҳад, ки иваз намудани истилоҳи амалкунанда дар чист, дар амалияи судӣ ё фаъолияти мақомоти иҷрокунандаи ҷазо кадом мушкилоти ҳуқуқтатбиқкунӣ ё ихтилофоти тафсирӣ ба миён меоянд ва чӣ гуна таҳрири пешниҳодшуда метавонад ба бартараф намудани онҳо мусоидат намояд. Ҳамчунин, мақсаднок мебуд, агар муаллиф ин пешниҳодро бо мисолҳои мушаххас аз амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ тақвият бахшад.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошанд ва арзиши рисолаи илмиро кам наменамояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзуи: "Ҷазоҳои асосие, ки бо ҷудо нигоҳ доштани маҳкумшуда аз ҷомеа вобаста намебошанд: масъалаҳои доктриналӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва мукамалгардонии қонунгузорӣ" ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст,

ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Такриздиҳанда:**
Профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ
ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Раупова М.Т.

Суроға: 734000 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Маяковский 70/2, хонаи 210. Телефон: (+992) 919496064.
E-mail: manzura1963@mail.ru

Имзои Раупова М.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Насурдинзода А.М.
«16» 04 2026 с.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33. Телефон: (+992) 919496064. E-mail: info@apa.tj